## Идоракунии хавфҳои амалиётӣ

ҶСП «Спитамен Бонк» (минбаъд – Бонк) бо мақсади таъмини суботи молиявӣ, таъмини рушди дастгирии сатҳи иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолӣ баҳри идоракунии самараноки хавфҳои молиявӣ, ноил шудан ба таносуби оптималии таваккал ва даромаднокӣ аҳамияти муносиб медиҳад.

Бонк низоми идоракунии хавфҳоро дар асоси принсипҳои мутобиқ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи беҳтарини идоракунии хавфҳо бунёд менамояд. Дар Бонк расмиёти дохилии арзёбии кифоятии сармоя ҷорӣ карда шуда, стресс-тести кифоятии сармоя бо дарназардошти натиҷаҳои стресс-тести хавфҳои назаррас, ки ҳангоми банақшагирии фаъолият ба назар гирифта мешаванд, гузаронида мешавад.

Бонк муносибатҳои идоракунии хавф ва сармояро бо назардошти намудҳои дохилии хавфи қарзӣ, таъмини инфрасохтори зарурӣ ва рушди низомҳои иттилоотӣ такмил медиҳад.

Ҳамчунин таҷрибаҳои муқарраршудаи идоракунии хавфҳо истифода гардида, хавфҳои молиявӣ (бо таваҷҷуҳи хоса ба идоракунии хавфҳои назаррас — хавфи қарзӣ, хавфи бозорӣ, хавфи амалиётӣ, хавфи пардохтпазирӣ) ба инобат гирифта мешаванд.

Бонк идоракунии хавфҳоро дар асоси консепсияи се хати мустақили дифоъ бо назардошти талаботи мавҷуд набудани бархӯрди манфиатҳо, ки масъулияти воҳидҳои Бонкро барои хавф таъмин менамояд, амалӣ мекунад. Бонк баҳогузории мутавозуни хавфҳоро гузаронида, маҳдудияти қабули хавфҳоро муқаррар мекунад.

Ҷиҳати назорати сатҳи хавф, расмиёти назоратро татбиқ менамояд ва дар бораи хавфҳои қабулшуда сари вақт ҳисобот медиҳад.

Идоракунии хавфҳо, новобаста аз воҳидҳои тиҷоратӣ дар доираи хати дуюми мудофиа аз ҷониби Идораи хавфҳои бонкӣ амалӣ карда мешавад, ки барои фаъолияти низоми идоракунии хавфҳо, таъмини татбиқи принсипҳо ва усулҳои ягонаи муайян, арзёбӣ, идоракунӣ ва расонидани маълумот ба роҳбарияти Бонк масъул аст.